**ХУЛОСАИ**
**ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D. КОА-028-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

**дар бораи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300.– Забоншиносӣ (6D0205011.– Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ)**

Парвандаи аттестатсионии №29

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 20 феврали соли 2020**

Дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D0205011.– Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ).

Диссертатсияи Маҳмадсолехи Маҳмадсодиқ «Таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300.– Забоншиносӣ (6D0205011– Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121) барои ҳимоя пазируфта шудааст.

Диссертант Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ, соли таваллудаш 1990, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз 2-юми октябри соли 2017 ба ҳайси ассистент ва аз 3-юми октябри соли 2019 ба ҳайси саромӯзгор дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович, доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

**Муқарризони расмӣ:**

- Мухторов Зайниддин Мухторович, доктори илмҳои филологӣ, директори Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Назарова Муҳаббат Раҳмонқуловна, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода;

**Муассисаи пешбар:** Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

**Дар тақризи муассисаи пешбар** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода омадааст, ки дар солҳои охир таваҷҷӯҳи олимону муҳаққиқон ба таҳқиқи муқоисаи забонҳо хеле зиёд гардидааст ва ин аз тақвияти равобити тамаддунҳо гувоҳӣ медиҳад. Агар ба ҳолати кунунии таҳқиқоти муқоисавии забонҳои гуногуннизом назар афканем, ҳувайдо мегардад, ки то ин замон дар соҳаи забоншиносӣ корҳои илмию таҳқиқотии зиёде ба анҷом расидаанд, вале таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар заминаи ду забони тавоно – тоҷикӣ ва англисӣ аз мадди назари забоншиносон то андозае дур мондааст.

Лозим ба ёдоварист, ки таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз масъалаҳои мубрам дар бахши забоншиносии муқоисавӣ ба шумор меравад. Ба ин маънӣ, диссертатсияи Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» пажӯҳиши мубрам буда, муаллиф дар он ҷанбаҳои назариявӣ ва муқоисавии мавзӯъро бар мабнои усули муқоиса мавриди омӯзиши илмӣ қарор додааст.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсия мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштаашро пурра иҷро карда, як кори баанҷомёфта ва пухтаи илмиро пешниҳод намудааст, ки ба талаботи корҳои диссертатсионӣ пурра муносиб ва мувофиқ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ орӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия хеле муфиданд, аз ҷумла:

1. Дар аввали диссертатсия муаллиф ба таҳлили диахронии мавод ва истифодаи методи муқоисавӣ-таърихӣ таъкид менамояд, вале дар диссертатсия ин масъала ба чашм намерасад.
2. Дар диссертатсия баъзе аз асарҳои илмии вобаста ба мавзӯи диссертатсия истифода нашудааст.
3. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия иқтибосоти кам оварда шудааст, аз ин рӯ, андешаронии муаллиф роҷеъ ба баъзе масъалаҳо норавшан мондааст (саҳ. 55, 65, 78 ва ғ.).
4. Дар раванди таҳқиқот муаллифи диссертатсия бештар ба масъалаҳои назариявии мавзӯъ дар забоншиносии тоҷик таваҷҷӯҳ намудааст, агар ба таҳқиқи мавзӯи фавқ дар забоншиносии англисӣ жарфтар таваҷҷӯҳ мегардид, хеле хуб мешуд.
5. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва техникиву китобат ба чашм мерасанд (саҳ. 31, 35, 39 ва ғ.).

Тақриз мусбат буда, чунин хулосагирӣ дорад:

Дар умум, норасоиҳои номбаршуда ба хеҷ ваҷҳ ба аҳамияти илмии таҳқиқоти анҷомёфта халале ворид намесозанд, зеро аксари онҳо ислоҳшаванда буда, ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Фишурдаи диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), осори илмиву мақолаҳои дар ин замина батабърасонидаи докторант мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос ва ифода мекунанд.

Тавре ки аз феҳристи таълифоти Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ бармеояд, ӯ доир ба мавзӯи таҳқиқотии худ 16 номгӯйи мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ нашр намудааст, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ФР ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300.– Забоншиносӣ (6D0205011.– Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки муҳтавои асосии диссертатсиро инъикос менамоянд, иборатанд аз:**

1. Маҳмадсолеҳи М. Нақши пасвандҳо дар калимасозии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2017. – №4, (71). – С. 95-99.
2. Маҳмадсолеҳи М. Валентнокии феълҳои объективӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.– Душанбе, 2018.– №1, (73).– С.124-130.
3. Маҳмадсолеҳи М. Воситаҳои алоқаи синтаксисӣ дар ибораҳои объективии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2018.–№2, (74).– С. 75-79.
4. Маҳмадсолеҳи М. Таҳлили муқоисавии пайвандакҳои тобеъкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2019. – №3, (80). – С.89-93.
5. Маҳмадсолеҳи М. Ҷойгоҳи алоқаи пешояндӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2019.– №2, (79).– С. 92-94.

**б) мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯаҳои илмӣ:**

6. Маҳмадсолеҳи М. Таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ // Масъалаҳои мубрами филологӣ ва тарҷума: мавод. конф. илмӣ-амалии ҷумҳур. – Душанбе, 2016. – С. 123-126.
7. Маҳмадсолеҳи М. Корбурди пайвандакҳои пайвасткунанда ва тобеъкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ // Муҳаққиқ. – Душанбе, 2016. – №15 (15). – С.10-13 с.

8. Маҳмадсолеҳи М. Истифодаи воситаҳои алоқа дар ибора ва ҷумлаҳои мураккаби забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ // Масъалаҳои мубрами лингвистика, тарҷумашиносӣ, адабиёт ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои олӣ: мавод. конф.илмӣ-амалии байнал.– Душанбе, 2017.– С. 69-75.
9. Маҳмадсолеҳи М. Корбурди воситаҳои алоқа дар ҷумлаҳои мураккаби забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ // Масъалаҳои мубрами филологияи муосир ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои олӣ: мавод. конф. илмӣ-амалии ҷумҳур.– Душанбе, 2017.– С. 216-219.
10. Маҳмадсолеҳи М. Определение места валентности объектных словосочетания // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷума ва усули таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои олӣ.– Душанбе, 2018. – С. 352-353.
11. Хоҷаева, С.О., Маҳмадсолеҳи, М. Таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи пешояндӣ ва пасояндӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷума ва усули таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои олӣ.– Душанбе, 2018. – С.– 204-206.
12. Маҳмадсолеҳи М. Баъзе хусусиятҳои созмонёбии ибораҳои гузаранда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷума ва усули таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои олӣ. – Душанбе, 2018. – С. 201-203.
13. Маҳмадсолеҳи М.Понятие семантического поля в языкознание // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷума ва усули таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои олӣ. – Душанбе, 2018. – С.198-200.
14. Маҳмадсолеҳи М. Словообразование интернациональных слов в таджикском и английском языках // Материалы II Международной научно-практической конференции «GLOBAL SCIENCE AND INNOVATIONS 2018 CENTRAL ASIA».– Астана, 2018. – С. 656-657.
15. Маҳмадсолеҳи М. О соченительных связях предикативных единиц в современном английском языке // Русский язык в современных реалиях: матер. междунар. науч. практ. конф.– Душанбе, 2018.– С 68-71.
16. Маҳмадсолеҳи М. Баъзе таснифоти ибора ва ҷумла аз рӯйи тарзи алоқаи наҳвӣ дар забоншиносӣ // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷума ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ: мавод. конф. илмӣ-амалии ҷумҳур.– Душанбе, 2019. – С.193-195.

**Ба автореферат ва диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**Муққаризи расмӣ** – Мухторов Зайнидин Мухторович, Директори Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филология. Тақриз мусбат буда, дар он зикр менамояд, ки мусаллам аст, ки таҳқиқи воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар марҳилаи кунунӣ яке аз муаммоҳои мубрам дар омӯзиши муқоисавии забони тоҷикӣ бо дигар забонҳои гуногунсохтор муаррифӣ мешавад, чун дар қонуниятҳои ташаккули навъҳои гуногуни воҳидҳои мураккаби забон вижагиҳои ба худ хоси забон дар умум дида мешавад.

Дар хулоса ба тарики фишурда ва ҳадафмандона натиҷаи тадкикот ҷамъбаст гардида, муҳаққиқ таъкид менамояд, ки воситаи алоқаи наҳвӣ аз воситаҳои муҳими грамматикӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ буда, муқоисаи онҳо ба масъалаҳои мубрами ин ду забони ба ҳам хеш равшанӣ андохтааст.

Ба нуктаҳое, ки дараҷаи илмию назарии тадқиқотро коҳиш намедиҳанд, чунин эродҳо мансубанд:

1. Ҳарчанд ки ба таъкиди докторант мавзӯи мавриди пажӯҳиш дар забоншиносии англис "нисбат ба забони тоҷикӣ фарохтару дақиқтар таҳқиқ гашта бошад ҳам" (Диссертатсия, с.5), дар матни диссертатсия ва дар қисматҳои дараҷаи таҳқиқи муқаддима, ҳамчунин дар қисмати таҳқиқи назарии масъала баррасии мавзӯъ аз нигоҳи забоншиносони англис камрангтар баррасӣ гардидааст.

2. Дар истифодаи истилоҳот ва таъбироти илмӣ номи дар навишти баъзе ашхос дар мавридҳои ҷудогона гоҳ-гоҳ духӯрагиҳо дида мешавад. Чунончи дар сафҳаи 91 истилоҳи «тағйирёбии таҳаввулӣ» ва ё номи забоншинос О. Есперсен дар чанд маврид дар шакли "О. Есперсон" оварда шудааст. Ба ҷои истилоҳи «тағйирёбии таҳаввулӣ» беҳтар буд, ки истилоҳи «тағйирёбии пайдарҳам» истифода шавад, зеро ҳам тағйирёбӣ ва таҳаввул бо маънoҳои ба ҳам наздик истифода шудаанд.

3. Феҳристи адабиёт мебоист тибқи талаботи амалкунанда таҳия шавад ва ҳамчунин дар он риояи ягонагии таҳия дида намешавад. Масалан овардани маҷаллаи «Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ» ҳамчун манбаи ягонаи илмӣ дар феҳристи адабиёт таҳти рақамҳои 151, 152, 153 (Диссертатсия, саҳ. 159) ба меъёр мувофиқ нест, зеро аз маҷмӯаҳои илмӣ ва маҷаллаҳо мақолаҳои ҷудогонаи муаллифон, ки дар пажӯҳиш истифода мешаванд ва ё ба масоили мубрами таҳқиқ наздиканд, бо нишондоди номи муаллиф ва номи мақола дар сафҳаҳои маҷалла оварда мешавад.

4. Ишора ва истинод ба манобеи илмӣ ва тасвири библиографии манбаъҳои мавриди истифода дар матни диссертатсия ва автореферат бояд яксон ва ба стандартҳои амалкунанда мувофиқ карда шавад. Зеро дар автореферат ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ишора ба адабиёт ва манобеъ оварда шудааст, аммо дар анҷоми матни автореферат феҳристи адабиёти истифодашуда мавҷуд нест.

5. Ҳамзамон дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ғалатҳои имлоӣ (4, 8, 11, 16, 18, 27, 36, 42, 55, 63, 87, 117, 131) ва услубию китобатӣ (5, 12, 14, 18, 22, 34, 46, 63, 74, 81, 109, 129) ҷой доранд.

6. Чунин ғалатҳои имлоӣ ва услубию техникӣ, ки дар матни диссертатсия ҷой доранд, дар саҳифаҳои гуногуни автореферати он низ ба мушоҳида мерасанд.

**Муққаризи расмӣ – Назарова Муҳаббат Раҳмонкуловна,** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода. Тақриз мусбат буда, муқарриз қайд мекунад, ки дастовардҳои давраи истиқлолият ба мо имкон медиҳад, ки ба тақиқи илмии масъалаҳои

гунони забоншиносӣ аз диди нав назар намоем, зеро забон дар ҳоли ташаккул буда, ба муроқибатҳои илмӣ ниёз дорад.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсия максаду вазифаҳои дар пеш гузоштаашро иҷро кардааст ва як кори анҷомёфта ва пухтаи илмиро пешниҳод намудааст, ки ба талаботи корҳои диссертатсионӣ пурра муносиб ва мувофиқ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои зикршуда диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия хеле муфиданд, аз ҷумла:

1) Дар аввали диссертатсия муаллиф ба таҳлили диахронии мавод ва истифодаи методи муқоисавӣ-таърихӣ таъкид менамояд, вале дар диссертатсия ин масъала ба чашм намерасад.

2) Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия иқтибосот кам оварда шудааст, аз ин рӯ, андешаронии муаллиф норавшан мондааст (саҳ. 39, 55, 69, 100 ва ғ.).

3) Дар таҳлили воситаҳои алоқа усули диахронӣ ва синхронии пажӯҳиш нақши муҳим дорад, вале дар диссертатсия ба ин масъала камтар таваҷҷӯҳ шудааст.

4) Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва китобат ба чашм мерасанд (саҳ. 7, 16, 17, 31, 35, 39, 40 ва ғ.).

**Раҳмонова Наргис Шарифовна** - доктори илми филологӣ, сарходими илмии шуъбаи луғат ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёт ба номи Абуабдулло Рӯдакии АИҶТ. Тақриз мусбат буда, дар он қайд шудааст, ки наҳв яке аз бахшҳои мураккабтарини грамматикаи ҳар як забон маҳсуб ёфта, аз забоншиносон ва олимон тақозо мекунад, ки ба шарҳу эзоҳи он дар амалия таваҷҷӯҳи беандоза дошта бошанд.

Ҳар як боби диссертатсия бо хулосаву натиҷагириҳои мушаххаси муаллиф ҷамъбаст шудаанд. Дар хулосаи диссертатсия бошад, муаллиф фикру андешаҳои худро дар панҷ нукта баён намудааст.

Бо вуҷуди дар сатҳи баланди илмӣ таълиф ёфтани диссертатсия, дар камбудиву норасиҳо ба чашм мерасанд, ба монанди:

1. Агар муаллифи диссертатсия он сарчашмаҳои илмие, ки дар афтореферат зикрашон рафтааст, дар поварақи саҳифа ҷой медод хеле хуб мебуд, чунки на ба ҳама рисола дастрас аст.

2. Дар баъзе аз саҳифаҳои автореферат (4, 6, 8, 9, 11) ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд.

**Матробиён Саодатшо Қосимзода -** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ зикр менамояд, ки дар бахши наҳви забони адабии ҳозираи тоҷик масъалаҳое низ мавҷуданд, ки мавриди пажӯҳиш нагирифтаанд ва ё кам таҳқиқ шудаанд. Воситаҳои алоқа дар ибора ва ҷумлаҳои мураккаби забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз қабили ҳамин гуна масъалаҳо ба ҳисоб меравад. Дар асарҳои забоншиносони тоҷик оид ба ин масъала баъзе ишораҳо мавҷуд бошанд ҳам, вале хеле маҳдуданд, аз ин ҷиҳат моҳияти масъаларо пурра фаро

Ҳар як боби диссертатсия бо хулосаву натичагириҳои мушаххаси муаллиф ҷамъбаст шудаанд. Дар хулосаи диссертатсия бошад, муаллиф фикру андешаҳои худро дар панҷ банд баён намудааст.

Бо вуҷуди дар сатҳи баланди илмӣ таълиф ёфтани диссертатсия, дар он камбудиву норасогиҳо ба чашм мерасанд:

1. Агар муаллиф баъзе аз мисолҳои овардашударо ҳамчун замима ба диссертатсия илова менамуд, хеле хуб мешуд, чунки дар баъзе саҳифаҳои автореферат (саҳ. 16, 17, 18) миқдори мисолҳо хеле зиёданд.
2. Дар баъзе аз саҳифаҳои автореферат (3, 5, 7, 9, 14) ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд.

**Саъдиева Гулистон Фатоевна -** номзади илми филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ қайд мекунад, ки сарфу наҳв дар якҷоягӣ дастури ҳар як забонро созмон медиҳанд ва онҳоро наметавон аз ҳамдигар ҷудо омӯхт. Омӯзишу пажӯҳиши наҳв ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ мавриди барасии амиқи илмӣ қарор гирифта, ҳоли ҳозир бошад пажӯҳандагон ва забоншиносонро зарур аст, ки ба ҷанбаи таҳқиқи муқоисавии он даст зананд.

Мавзӯе, ки муаллифи рисола ба таҳқиқи он даст задааст, дар забоншиносӣ хеле мубрам буда, муҳаққиқ кӯшидааст, ки вижагиҳои корбурди воситаҳои алоқаи наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисиро ошкор намояд.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, 165 саҳифаи чопиро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамият ва зарурияти таҳқиқи мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии пажӯҳиш, усулҳои таҳқиқот ва асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот пурра дарҷ ёфтаанд.

Бо вуҷуди дар сатҳи баланди илмӣ таълиф ёфтани диссертатсия, дар камбудиву норасогиҳо ба чашм мерасанд, ба монанди:

1. Муаллифи диссертатсия бештар ба назару андешаҳои наҳвшиносони тоҷику рус такя намуда, дар рисолаи доир ба фикру ақидаҳои забоншиносони англис камтар маълумот дода шудааст, зеро пажӯҳиш ба муқоисаи ду забон бахшида мешавад. Агар назари забоншиносони англис низ жарфтар таҳқиқ мегардид, ҳусни рисола боз ҳам болотар мерафт.
2. Дар баъзе аз саҳифаҳои диссертатсия (17, 19, 23, 35, 67, 78) ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд.

Дар маҷмӯъ, камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

**Турсунова Фирӯза Раҳматҷоновна -** номзади илми филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англисии Муассисаи таълимии байнидавлатии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ қайд мекунад, ки омӯзиш ва таҳқиқи муқоисаи забонҳои гуногуннизом ва гуногунсохтор кайҳо боз таваҷҷӯҳи забоншиносони тоҷикро ба худ ҷалб намудааст. Муҳаққиқон аслан то ин замон ба масъалаҳои муқоисавии

омӯзиши наҳв, луғатшиносиву луғатнигорӣ даст задаанд ва таҳқику пажӯҳиши наҳв ва воҳидҳои он аз назари эшон хеле дур мондааст.

Дар диссертатсияи худ Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ ба таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ даст задааст, ки фарогири як қатор масъалаҳои номакшуфи наҳвро мебошад. Дар раванди таҳқиқ муаллифи рисола дар асоси усули муқоиса вижагиҳои фарқкунандаи забонҳои фавқуззикрро ошкор сохтааст.

Дар хулосаи диссертатсия бошад, муаллиф фикру андешаҳои худро дар панҷ нукта баён намудааст.

Бо вуҷуди дар сатҳи баланди илмӣ таълиф ёфтани диссертатсия, дар камбудиву норасоиҳо ба чашм мерасанд, ба монанди:

1. Дар диссертатсия назари танқидии муаллиф кам ба чашм мерасад. Хуб мешуд, ки муаллиф дар баъзе мавридҳо роҷеъ ба масъалаи мавриди таҳқиқ андешаҳои танқидии худро баён медошт.
2. Дар баъзе аз саҳифаҳои автореферат (7, 9, 11, 13, 16) ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд.

Муқарризони расмӣ дар баробари муайян кардани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) муҳимии ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои шоёни муаллифи диссертатсияро низ таъкид кардаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони варзида дар соҳаи таърихи забон, сарф, наҳв ва забоншиносии мукоисавӣ-типологӣ, дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф карданд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад. Муассисаи пешбар яке аз муассисаҳои бонуфузи илмии соҳаи филология дар ҷумҳурӣ ба шумор рафта, бо мутахассисони варзидаи худ дар самти таҳқику таҳлили масоили умдаи таърихи забон ва забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ хеле маъруф гардидааст.

Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки докторант дар асоси маводи зарурӣ ва фаровон хусусиятҳои воситаҳои алоқаи наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисиро ба таври дақиқ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

**Аҳамияти назарии таҳқиқот**. Омӯзиш ва таҳқиқи муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳаллу фасли ду вазифаи илмиро дар назар дорад: 1. Муайян намудани монандӣ, мувофиқат ва айният дар низоми муқобилгузории забонҳои мазкур ҷиҳати мушаххас намудани умумиятҳои типологии забонӣ. 2. Муайянсозии номувофиқатӣ, гуногунӣ ва мавридҳои фарқкунанда дар низоми мураттабгардидаи забонҳои қиёсшаванда, мушаххас намудани он ки кадом вижагӣ танҳо ба як забони муқоисашаванда хос аст ва дар низоми забони дигар ба назар намерасад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир меёбад, ки хулоса ва маводи он метавонанд ҳангоми таҳқиқоти муқоисавӣ ва типологии забонҳои дигар, ҳангоми таҳия ва таълифи грамматикаи амалии забонҳои муқоисашаванда ва дастурҳои таълимӣ барои мактабҳои олӣ ва инчунин ҳангоми ташкили курсҳои амалии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ истифода шаванд.

Аз лиҳози амалӣ диссертатсияи мазкур барои дарёфти маълумоти мушаххас ҳангоми омӯзиши шаклҳо, маъно ва роҳҳои истифодабарии воситаҳои алоқаи наҳвӣ ва тақвияти роҳҳою усулҳои таълими мавзӯъ мусоидат менамояд.

Ҳадафи асосии таҳқиқот, пеш аз ҳама, омӯзиш ва нишон додани хусусиятҳои монандӣ ва тафовути воситаҳои алоқаи наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз дидгоҳи сохтору маънӣ ва тобишҳои маъноии онҳо дар асоси маводи асарҳои бадеӣ ба забонҳои тоҷикиву англисӣ мебошад.

Барои амалӣ сохтани мақсади асосии таҳқиқ ҳаллу фасли **вазифаҳои** зерин матраҳ гардиданд:

- таҳлилу тавсифи афкори олимону забоншиносон роҷеъ ба воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- муайян намудани воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои муқоисашаванда;
- мушаххас намудани умумият, монандӣ ва тафовути воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- муайян ва муқоиса намудани воситаҳои алоқаи наҳвӣ тавассути пайвандакҳо ва пешояндҳо дар забонҳои муқоисашаванда.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ.** Барои тасдиқи хулосаҳо ва натиҷагириҳои худ аз осори илмӣ ва натиҷаҳои пажӯҳишҳои забоншиносони маъруфи хориҷӣ ва ватанӣ Ҳ.Суит, Л.Блумфилд, О.Есперсен, А.Крузин, В.Граф ва А.Кеннеди, инчунин англисшиносони собиқ шӯравӣ А.И.Смирнитский, М.Блох, О.Ахманова, О.Бархурдаров, А.М.Пешковский А.Шахматов, В.В.Виноградов, В.Яртсева, В.А.Белошапкова, В.П.Белянин Е.Н.Ширяев, Л.Л.Иофик, Г.Г.Почепсов, В.К.Поржезинский, М.Н.Петерсон, А.М.Пешковский, Д.Тоҷиев, Ш.Ниёзӣ, Ф.Зикриёев, М.Н.Қосимова ва В.Абдулазизов ҳамчун асоси методологӣ истифода шудааст.

**Саҳми шахсии муҳаққиқ** дар он зоҳир мешавад, ки мавзӯйи мазкур бори нахуст дар забоншиносии муқоисавӣ мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор гирифта, вижагиҳои корбурди воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар асоси асарҳои бадеӣ ошкор шудаанд.

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ рӯзи 20-уми феврали соли 2020 дар бораи ба Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd)-доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D 021300– Забоншиносӣ (6D0205011– Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 25 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, 20 нафар иштирок дошт, ки аз ин 7 нафар аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.– Забоншиносӣ (Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) мебошанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 20 нафар, «зид» - нест «баргаҳои беэътибор» - нест.

Баромади Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300– Забоншиносӣ (6D 0205011– Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ), тақризи муассисаи масъул, баромади муқарризони расмӣ доктори илмҳои филологӣ Мухторов Зайниддин Мухторович, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Назарова Муҳаббат Раҳмонкуловна ва муассисаи пешбарро шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи диссертант

**қарор қабул мекунад:**

1. Диссертатсияи Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd)-доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300– Забоншиносӣ (6D0205011– Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.
2. Мақолаҳои илмии нашршудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300– Забоншиносӣ (6D0205011– Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd)-доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300.– Забоншиносӣ (6D0205011– Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва мукоисавӣ)-ро диҳад.

Муовини раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Нозимов А.А.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Мирзоалиева А.Ш.

**20 феврали соли 2020.**